**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар айни замон, бо сабаби инкишоф ва такомули соҳаҳои илм ва техника, таваҷҷуҳи як қатор муҳаққиқонро омӯзиш ва тавсифи низомҳои гуногуни истилоҳоти компютерӣ, аз қабили вижагиҳои касбиву соҳавӣ, махсусан, сленги компютерӣ ҷалб мекунад, зеро аксари одамон фаъолияти рӯзмарраи худро бе компютер тасаввур карда наметавонанд. Компютеркунонӣ дар тамоми соҳаҳои илм, техника, саноат ва ҳаёти ҳаррӯзаи инсони муосир ба чашм мерасад.

Азбаски имрӯз рағбати аксари аҳолии кишвари мо ба забони англисӣ ва технологияҳои компютерӣ равона шудааст, мавзуи диссертатсияи мазкур хеле **мубрам** ва саривақтист. Барои ҳамқадами замонаи инноватсионӣ шудан, ҳар як фард мебояд, ки аз хусусиятҳои зеризабонии компютерӣ, махсусан, вижагиҳои соҳавӣ ва сленгҳо бархӯрдор бошад. **Моҳият ва мақсади таҳқиқот**и мазкур низ ба ҳамин ҷанба равона шудааст. Хусусиятҳои фарққунандаи сленги компютерӣ дар кӯтоҳкунӣ ва содагардонии воҳидҳои луғавӣ зоҳир гардида, суръати зарурии пешниҳод ва ҷустуҷӯйи иттилоотро таъмин менамояд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он аст, ки бори нахуст таҳлили муқоисавии истилоҳоти компютерӣ, махсусан, сленги компютерӣ, ки як қабати лексикаи технологияи иттилоотӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба шумор меравад, анҷом дода шудааст. Дар диссертатсияи мазкур аввалин бор вижагиҳои соҳавӣ ва сленгҳои компютерӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар забоншиносии муқоисавии тоҷик бори аввал таснифоти соҳавии сленги компютерӣ ба таври мушаххас иҷро ва пешниҳод гардида, инчунин, тамоми сленгҳои компютерӣ дар забони тоҷикӣ бори нахуст аз лиҳози маъноӣ, луғавӣ ва сохторӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** аз он иборат мебошад, ки бори нахуст сленги компютерӣ бо таснифоти соҳавӣ ва сохторӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври нисбатан мукаммал аз ҷониби диссертант таҳқиқ шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҷриба барои омӯзиши истилоҳот ва сленгҳои нави компютерие, ки дар зиндагии ҳамарӯзаи мо дучор мешаванд, инчунин, дар ҳалли мушкилоти тарҷумаи чунин сленгҳо ва аз рамз ба таври шарҳи маънӣ озод намудани сленгҳое, ки дар шакли ихтисорот истифода мегарданд, мусоидат намоянд. Маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълими ихтисосҳои филологӣ дар мактабҳои олӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус ҳамчун дастури таълимӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад.

Диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёту маъхазҳо ва замима иборат аст.

**Муқаддима**и диссертатсияи мазкур ҳамаи бандҳои зарурииро фаро гирифтааст. Диссертант мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро шарҳ дода, дараҷаи омӯзиши он, ҳадафу вазифа, объект, навгониҳои тадқиқот, арзиши назариву амалии натиҷаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқот ва маводи асосии таҳқиқотро асоснок гардонидааст.

Мутолиаи **хулосаи таҳқиқ** далели он аст, ки дар ҳақиқат, муаллиф ба мақсад ва вазифаҳои дар пеши худ гузошта ноил гаштааст. Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар бандҳои хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқотро аз ҷиҳати илмӣ ва мушаххас ҷамъбаст намудааст, ки мазмун ва мӯҳтавои ҳар банд ифодагари фаслу зерфаслҳои диссертатсия мебошанд.

Бо вуҷуди ин, дар автореферат **ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ** ба назар мерасанд. Новобаста аз ин, онҳо ислоҳпазир буда, дар коркарди минбаъда пешниҳод карда мешаванд.

Диссертант оид ба рисолаи таҳқиқотӣ 7 мақола чоп намудааст, ки 4-тои он ба маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда мансуб мебошанд.

Автореферати диссертатсияи номзадии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич ва мақолаҳои нашршудаи вай мазмуну мӯҳтавои таҳқиқотро пурра ифода мекунанд.

Диссертатсияи макур дар мавзӯи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»

таҳқиқоти илмиест, ки аҳамияти амалии он барои забоншиносии компютерӣ, технологияи информатсионӣ дар забоншиносӣ, истилоҳотшиносӣ, луғатнигорӣ, дискурс, таҳлили лингвистии матн, ҳамчунин, забон ва компютинги иҷтимоӣ басо муҳим мебошад. Муаллифи он Ғафуров Зоир Саъдуллоевич сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
забонҳои Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М. С. Осими Бобоева Мадина Маруфовна

Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони
академикҳо Раҷабовҳо 10а
Тел.: +992 81881470
e-mail: madiba82@mail.ru

Имзои Бобоева М. М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Шарипова Д.А.
31.08.2022